**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ оид ба кори дисертатсионии Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи «Таҳияи таркиб ва технологияи шакли дору дар асоси моддаҳои фаъоли биологии чойкаҳаки шахшул, ки дар Тоҷикистон мерӯяд», барои ҳимоя намудан ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.04.01– Технологияи тавлиди доруворӣ**

Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич аз давраи донишҷӯи ба корҳои илмӣ машғул аст.

Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич пас аз хатми факултети фарматсевтии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар кафедраи технологияи фарматсевти ва биотехнология ба корҳои илмӣ машғул шуд.

Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич дар рафти анҷоми кори диссертатсионӣ худро ҳамчун мутахассиси кордон ва боистеъдод нишон дод.

Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич дар раванди фаъолияти унвонҷӯи қобилияти мустақилона пеш бурдани таҳқиқотҳои амиқи назариявӣ ва дар доираи васеи гузаронидани корҳои таҷрибавӣ оид ба таҳқиқи фитохимиявии чойкаҳаки шахшул (*Hypericum scabrum L.*) анҷом додаст.

Дар баробари корҳои илмӣ-таҳқиқотиаш Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич бо мақсади аз худ намудани маҳорати педагогӣ дар корҳои тарбиявӣ фаъолона иштирок намуда, дар кафедраи собиқ технологияи фарматсевтӣ ва биотехнология (ҳоло кафедраи технологияи фарматсевтӣ ва фармакология) худро ҳамчун омӯзгори болаёқат нишон дод.

Бо кормандон ва донишҷӯён муоширати хуб дорад.

Кори илмии Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич ба мавзӯи «Таҳияи таркиб ва технологияи шакли дору дар асоси моддаҳои фаъоли биологии чойкаҳаки шахшул, ки дар Тоҷикистон мерӯяд» бахшида шудааст, ки қиматҳои физикӣ-химиявии моддаҳои ҳосилкардашуда ҳамчун маводи маълумотӣ ба ҳисоб рафта ва барои мутахассисоне, ки ба таҳқиқи

фитохимиявӣ машғуланд мусоидат менамояд, инчунин дар раванди таълим ҳангоми хондани лексия аз химияи органикӣ, биоорганика ва курсҳои махсус аз манфиат холӣ набуда, донишҷӯён, магистрантон ва унвонҷӯён натиҷаҳои кори мазкурро мавриди истифода қарор дода метавонанд.

Дараҷаи баланди касбиаш ба ӯ имкон дод, ки дар таҳқиқот аз усулҳои муосири барои ҳалли масъалаҳои мураккаб ва навтарин усулҳои назариявӣ ва амалӣ истифода барад.

Рисолаи илмӣ аз нигоҳи нав ба проблемаҳои муҳими анъанавии назариявӣ ва амалӣ бахшида шудааст.

Натиҷаҳои кор пурра ва сари вақт дар маҷалаҳои тақризшаванда, нашрияҳои муосир чоп карда шуда, дар конференсияҳо, семинарҳои байналмилалӣ баромад намудааст.

Рабиев Р.М. дар рафти иҷрои рисола ҷиддияти калони илмӣ нишон дод.

Дар раванди кори диссртатсионӣ Рабиев Р.М. ҳамчун мутахасиси баландихтисос ва ташаббускор, ба ҳалли масъалаҳои мураккаби соҳаи илми фарматсия қодир будани худро нишон дод.

Ҳамин тариқ кори дисертатсионии Рабиев Р.М. дар мавзӯи **«Таҳияи таркиб ва технологияи шакли дору дар асоси моддаҳои фаъоли биологии чойкаҳаки шахшул, ки дар Тоҷикистон мерӯяд»** ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои фарматсевтӣ,
профессор С.Мусозода

Имзои профессор С.М. Мусозодаро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.

02.05.2023